**Тақризи**

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Зебинисо Иноятова дар мавзӯи "Мавқеи муаллиф – ноқил дар осори публитсистӣ (дар мисоли эҷодиёти Фазлиддин Муҳаммадиев)" ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – журналистика тавсия мешавад.

Диссертатсияи номзадии Зебинисо Иноятова ба омӯзиши ҷанбаҳои насри воқеъгароёна ва публитсистӣ дар мисоли осори Фазлиддин Муҳаммадиев бахшида шудааст. Маълум аст, ки сарфи назар аз аксар таҳқиқот, масъалаи нақши ноқил дар осори Ф.Муҳаммадиев то имрӯз мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор нагирифтааст ва бо назардошти ин ҳадаф диссертатсияи номзадии мазкур аҳамияти возеҳи илмӣ дорад.

Диссертант доир ба чанд масъалаи нақши ноқил дар осори Ф. Муҳаммадиев: ташреҳу ташхиси мафҳуми ноқил дар насри воқеъгароёна, тавозуну таносуби воқеияту бадеият дар публитсистикаи бадеӣ ва нишон додани нақши ноқил дар насри публитсистӣ, хулосаву бардошти нависанда аз воқеияти аслӣ ва тарзи тасвири он дар осори публитсистиву бадеӣ, нақшу мавқеи идеал ва воқеият дар асарҳои публитсистии нависанда, мазмуну муҳтавои воқеият аз равзанаи мушоҳидаҳои адиб, маҷмӯи унсурҳои мушоҳида ҳамчун аҷзои созандаи симои муаллифи асар, аҳамияти ҳузури муаллиф дар возеҳсозии манзараҳои муҳити руйдод ва таъкиду пурмаъноии ҳадаф, арзишдиҳии иҷтимоиву ахлоқӣ дар заминаи дидгоҳи андеша, ғановати бадеии инъикос ва фарогирии воқеият дар қолаби жанрҳои ҳаҷвӣ, симои муаллиф дар асарҳои ҳуҷҷатии мактуб, мақола ва лавҳа, тарзи инфиродии идрок ва дахолати нависанда ба воқеаҳои тасвиршаванда, мулоҳизаҳо ва муносибати адиб ба зуҳуроту махсусиятҳои ҷомеа ва баъзе ҷузъиёти дигар мулоҳизаҳои худро баён кардааст. Муаллиф дар рафти таҳқиқ ба услуб, сабк ва нақли анъанавии такрор камтар такя карда, талош кардааст, ки ҳар як бахши кори худро дар асоси дарки мантиқи мафҳуми ноқил шакл бахшад. Дар ин самт муаллиф ба сифати объекти таҳқиқ маҷмӯаи «Дӯстон - тоҷи сар»,

қиссаи публитсистии «Зайнаббибӣ» ва очерки «Писари газета»-ро ба таври интихобӣ мавриди ташхису баррасӣ қарор дода, дар такя ба илми адабиётшиносӣ ва публитсистикашиносӣ муносибати худро зоҳир намудааст.

Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 9 фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт бо фарогирии тартибу шумораи зарурӣ иборат аст. Бо назардошти ҳадафи таҳқиқ бобҳои рисола мантиқан ҳамдигарро пурра мекунанд ва фаслҳо системанокии фикри диссертантро таъмин кардаанд. Дар шакли муназзам ифода кардани ҳадаф моҳияти мақсади пешгузошташударо ба вуҷуд овардааст. Чун масъалаи таҳқиқи ноқил дар насри публитсистӣ моҳиятан мавзӯи нав мебошад, дар ҳар фасл махсусияту алоқамандии илмӣ нигоҳ дошта мешавад. Дар робита ба талаботи кори илмӣ диссертатсия сохту таркиби дуруст таъйиншудаи илмӣ дорад ва дар он одоби баҳси илмӣ низ дуруст ба роҳ монда шудааст.

Дар муқаддима моҳияти мавзӯъ, асоснокӣ, дараҷаи омӯзиш ва ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот муайян гардидааст. Ҳамчунин, асосҳои назарӣ ва методи таҳқиқ, арзиши назарӣ ва амалии рисола мушаххасан шарҳ ёфтаанд.

Дар боби аввали кор бо номи «Таносуби воқеият ва бадеият дар асарҳои публитсистии Фазлиддин Муҳаммадиев» муаллиф кӯшиш кардааст, ки таҷаммӯи хосиятҳои бадеиву публитсистии осори адибро аз чанд дидгоҳ баррасиву таҳқиқ намояд. Дар фасли аввали кор уфуқҳои шинохти мафҳуми ноқил дар такя ба назарияҳои гуногуни илмӣ дар шакли муайяну мушаххас шарҳ дода шудааст. Дар заминаи ин фасл маҷмӯи афкори шаклгирифта дар шинохти мафҳуми ноқил шакл пайдо менамояд. Дар фасли дуввуми кор диссертант симои ин ноқилро дар осори адиб дарёфтан мехоҳад. Фаъолу нофаъол будани ноқил – муаллиф дар мисоли қисматҳои гуногуни асарҳои адиб муайян карда мешавад. Дар фасли саввуми ин боби кор маҳорати корбурди аҷзои ҳунарӣ дар симои ноқил баррасӣ гардидааст. Дар заминаи ташхиси ин аҷзо то кадом

андоза муваффақ будани адиб дар офариниши портретҳои гуногун нишон дода мешавад.

Боби дуюми диссертатсия таҳти унвони «Симои муаллиф дар партави воқеияти асарҳои навиcанда» нақши бевоситаи адибро нишон додан мехоҳад, ки ҳамчун ноқили асар то кадом андоза дар заминаи мушоҳидаҳо мавқеи иҷтимоӣ дошта метавонад. Дар фасли аввали кор муносибат ва мавқеи муаллиф нисбат ба фарҳанг ва масъалаҳои адабиёту санъат нишон дода мешавад. Ин фасл муайян менамояд, ки дар қолаби нақли муаллиф маънавиёти як давраи ҷомеаи мо дар кадом сатҳ қарор дорад. Фасли дуюми ин қисмати рисола хосияти амиқи публитсистикаро дар доираи «ман»-и муаллифӣ шарҳу тавзеҳ медиҳад. Ин фасл бозгӯ менамояд, ки ноқил шоҳиду ҳаками бевоситаи рӯйдодҳои ҳаёт буда метавонад. Фасли сеюми кор онро исбот менамояд, ки рукни асосии фаъол будани ноқил ин мушоҳидаҳои бевоситаи воқеӣ мебошанд.

Боби саввуми кор бо номи «Хислатҳои вижаи ноқили воқеаҳо ва услуби нигориши навиcанда» масъалаи ташхиси ҳунари нигориши адибро фаро мегирад. Дар ин боб ба таркиби сабку услубии эҷоди адиб дахл карда мешавад. Дар фасли аввал муаллиф ҷонибдори он ақида аст, ки муаллиф натанҳо мушоҳидакунандаи канорӣ, балки иштирокчии бевоистаи саҳнаҳову ҳаводиси рӯзгор аст. Бидуни ин муқарароту қонуният нақши ноқил дар асар ночиз дониста мешавад. Фасли дуввуми боб хосияти фалсафии андешаҳову афкори ноқилро баррасӣ менамояд. Муаллиф аҷзои маънавии гуфтори нақлиро махсусияти тарбиявии осори публитсистӣ баҳогузорӣ мекунад. Дар фасли ниҳоии ин боби кор уфуқҳои бадеии инъикоси воқеият дар қолаби ҳаҷвии баён баррасӣ гаштааст. Ин ҷиҳат ҳамчун як рукни ҷолибият пайдо кардани асар баҳогузорӣ карда мешавад.

Хулосаҳои таҳқиқоти Иноятова Зебинисо ифодакунандаи мундариҷаи диссертатсия буда, бо маводи зиёди назариявию амалӣ ва далелу аснод асоснок карда шудааст. Автореферат ва маводи доир ба

мавзӯи диссертатсия интишорнамудаи муаллиф - 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар нашриёҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқу басанда буда, мазмуну муҳтавои диссертатсияро инъикос менамоянд.

Иноятова Зебинисо дар тӯли солҳои унвонҷӯӣ худро ҳамчун муҳассили ҷӯянда ва масъулиятшинос нишон дода, дар пажӯҳиши мавзӯи илмӣ ҷиддӣ машғул шуд, бо донишгоҳ ва роҳбари илмии худ дар робитаи доимӣ қарор дошт, доир ба паҳлуҳои гуногуни мавзӯи таҳқиқ мақолаҳои илмӣ ба нашр расонд, дар ҳамоишҳои илмӣ иштирок ва суханронӣ кард.

Чунин мешуморам, ки таҳқиқоти диссертатсионии Иноятова Зебинисо Подабоновна дар мавзӯи "Мавқеи муаллиф – ноқил дар осори публитсистӣ (дар мисоли эҷодиёти Фазлиддин Муҳаммадиев)", кори баанҷомрасида буда, ба талаботи КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешниҳоди рисолаи номзадӣ ҷавобгӯ ва ӯ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – журналистика сазовор аст.

Роҳбари илмӣ: Имомзода М.С.,
доктори илмҳои филология, академик

Суроға:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17
тел: 93- 580 – 64 - 44
E-mail: _______________

"Тасдиқ мекунам"
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.